**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Шерализода Ҷомӣ Шералӣ дар мавзуи «Ислоҳоти конститутсионӣ дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, пешниҳод шудааст (Душанбе, 2023).**

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 9 муқаррар кардааст, ки ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси таҷзияи он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ мегардад. Ин меъёри конститутсионӣ самтҳои нави илмиро дар илми ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон асос гузошт, ки атрофи ташаккули падидаҳои конститутсионии мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Шерализода Ҷомӣ Шералӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ ташкил медиҳад.

Автореферат аз муқаддима, тавсифи умумии тадқиқот, қисмҳои асосии таҳқиқот, хулоса ва тавсияҳое, ки дар он ҷамъбасти мухтасари таҳқиқот дарҷ гардида, инчунин, феҳристи интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия иборат буда, дар шакли матн пешниҳод мегардад.

Мавзуи диссертатсияи Шерализода Ҷомӣ Шералӣ ба яке аз масъалаҳои мубрами ҳуқуқи конститутсионӣ бахшида шуда, ба муайян

намудани ислоҳоти конститутсионӣ дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва такмили минбаъдаи қонунгузории фаъолияти мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудааст.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар шароити муосири рушди давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрам ва зарурӣ буда, таваҷҷуҳи бештари мутахассисони соҳаи ҳуқуқи конститутсиониро талаб мекунад. Қайд кардан ба марид аст, ки то имрӯз аз ҷониби олимон вобаста ба падидаи ислоҳоти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ карда нашудааст ва дар рисолаи мазкур он мавзуи таҳқиқоти махсус, аз ҷумла, таърихию ҳуқуқӣ, умуминазариявӣ ва ҳуқуқӣ-конститутсионӣ гардидааст.

Ҷараёни ташаккули меъёрҳои Конститутсия бо инкишофи муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ алоқаманд буда, барои такмили он ислоҳоти конститутсионӣ гузаронида мешавад. Ҳамин тавр, дар автореферати диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқот, объект ва предмети мавзуи таҳқиқот, мақсад ва вазифҳои он, асосҳои методологӣ, асосҳои назариявии таҳқиқот, навгонии илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шуда, оид ба саҳми шахсии довталаб, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба таври зарурӣ муқаррарот пешбинӣ гардидааст.

Хулоса ва тавсияҳои дар таҳқиқот пешбинишуда боэътимод ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, бо усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмии дар таҳқиқот истифодашаванда таъмин карда шудаанд. Бисёре аз муқарраротҳо, хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар таҳқиқот баён шудаанд, навгонии илмӣ мебошанд.

Аз таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст.

Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар худ инъикос намуда, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст.

Бо дарназардошти маводи илмӣ, таҳлили мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои ислоҳоти конститутсионӣ муаллиф кӯшиш кардааст, ки дар доираи таҳқиқоти анҷомпазируфта мафҳуми ғояҳои илмӣ ва принсипҳои ҳуқуқии ислоҳоти конститутсионӣ, марҳилаҳои ислоҳоти конститутсионӣ ва рушди падидаҳои конститутсионӣ дар заминаи тағйиру иловаҳои Конститутсия мавриди пажӯҳиш қарор дода шавад.

Аз мазмуну муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки диссертант то ҳадди зарурӣ масъалаҳои дар наздаш гузошташударо ҳал намудааст, вале новобаста ба ин, баъзе масъалаҳое дар ин самт ҳамоно боқӣ мондаанд, ки таҳлилу баррасии алоҳидаро талаб менамоянд.

Аз ҷумла, рисоланавис аз таҳлили раванди ислоҳоти конститутсионии парлумон ба хулоса омадааст, ки он ба ду қисмат ҷудо мешавад, яке ислоҳоти низоми парлумон, ки хусусияти сохториро дорад ва дигаре, ки хусусияти ташкилиро дорад. Диссертант дар асоси кадом таҳлилҳо ба чунин хулоса омадааст, фикр мекунам баҳснок аст. Хуб мешуд, ки атрофи масоили мазкур мавқеи худро рисоланавис дар раванди ҳимоя муайян менамуд. Эроди болозикр ба мазмуну моҳияти диссертатсияи муаллиф костагӣ ва духурагиро ба миён наоварда, баръакс василаи пурра ва мустаҳкам намудани онро ифода менамоянд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос гардидааст.

Бояд қайд намуд, ки таҳқиқоти анҷомдодаи Шерализода Ҷомӣ мусбат мебошад, зеро он ба омӯзиши ислоҳоти конститутсионӣ дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ нигаронида шудааст ва барои муҳаққиқони оянда заминаҳои мусоидро дар илми ҳуқуқшиносии ҷумҳурӣ мегузорад.

Дар маҷмуъ, бояд қайд намуд, ки автореферати диссертатсияи номзадии Шерализода Ҷомӣ мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, дар он масъалаҳои бамиёнгузошта аз лиҳози илмӣ пай дар пай ва асоснок матраҳ гардида, аз рӯйи диди тоза ва мантиқ таҳлил шуда, сазовори баҳои мусбат аст.

Таҳлили автореферати мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Шерализода Ҷомӣ дар шароити имрӯзаи рушди давлатдории тоҷикон муҳим ва зарурӣ арзёбӣ гадида, ба талаботи муқарраркардаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, аз тарафи муаллиф мустақилона таълиф гардида, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷа ва нуктаҳои нави илмӣ мебошад. Таҳқиқоти мазкур саҳми шахсии муаллифро дар соҳаи илм нишон медиҳад ва муаллифи рисола Шерализода Ҷомӣ Шералӣ сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи А. Рӯдакӣ, доктори илмҳои
ҳуқуқшиносӣ, профессор **Раҳмон Д.С.**

**Имзои Раҳмон Д.С.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи А. Рӯдакӣ **Амиров Ф.А.**

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735360. ш.Кулоб, кӯчаи С.Сафаров, 16**
**Телефон: (+992 33 22) 2-35-06;**
**E-mail: info@kgu.tj**

**«_3_» ___05___ соли 2023**